# НИЗОМНОМАИ МАКТАБИ МАҲОРАТИ ПЕДАГОГӢ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Мактаби маҳорати педагогӣ (минбаъд – Мактаб) иттиҳоди ихтиёрии омӯзгороне мебошад, ки дар назди Филилаи Муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон" дар шаҳри Душанбе барои омӯхтани таҷрибаи пешқадами мушаххаси босамари педагогӣ, усулҳои нави таълиму тарбия, технологияҳо ва инкишофи минбаъдаи онҳо, татбиқи босамари муносибати босалоҳият ба таълим, такмили ихтисоси омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаи таълимӣ ташкил гардида, бо мақсади ноил шудан ба сатҳи баланд ва сифати таълими дарсҳо бо истифода аз принсипҳои муосири дидактикӣ, технологияҳои инноватсионӣ, равишҳои методӣ ва методологӣ чорабиниҳоро амалӣ менамояд.

Мактаб барои ҳифз ва афзун намудани анъанаҳои беҳтарини омӯзгории муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе ва мусоидат ба ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгории мактабҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар раванди таълим фаъолияти худро равона месозад.

2. Низомнома дар бораи Мактаби маҳорати педагогӣ мақсад, вазифаҳо, ҳайат ва тартиби кор, самтҳо ва шаклҳои кор, ҳамкорӣ бо кафедраҳо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои роҳбар ва омӯзгорон ва нақшаи баргузории чорабиниҳои онро муайян мекунад.

3. Дар доираи фаъолияти Мактаб метавон дарсҳоро бо омӯзгорон барои аз худ намудани донишҳои касбию педагогӣ дар асоси дастовардҳои муосири педагогӣ, технологияҳои нави таълиму тарбия, рушди неруи эҷодӣ ва зеҳнии шахсияти омӯзгор ташкил намуд.

4. Мактаб воҳиди сохтории Филилаи Муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон" дар шаҳри Душанбе набуда, дар асоси ихтиёрӣ олимону мутахассисони соҳаи маориф ва омӯзгоронро муттаҳид менамояд.

5. Дар сохтори Мактаб бахшҳои зерин ташкил карда мешавад:

- бахши таҳсилоти томактабӣ ва методикаи таълиму тарбияи дар синфҳои ибтидоӣ;
- бахши методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ;
- бахши таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ;
- бахши илм, инноватсия ва технологияҳои муосири таълим;
- бахши педагогика ва психология;
- бахши менеҷмент ва идоракунӣ дар соҳаи маориф;
- бахши "Устод – омӯзгори ҷавон"

6. Низомнома мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ”, Тартиби такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва Низомномаи Филиал таҳия гардидааст.

## 2. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ МАКТАБИ МАҲОРАТИ ПЕДАГОГӢ

7. Ҳадафҳои мактаб такмил додани маҳорати касбӣ, мусоидат дар худомӯзии омӯзгорон, азхуднамоӣ, ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешақадами педагогӣ, омӯзиши усулҳои нави таълиму тарбия, технологияҳо ва инкишофи минбаъдаи онҳо, такмили ихтисоси омӯзгорон ва ташаккули малакаву маҳорати касбии омӯзгорон мебошад.

8. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо иҷро вазифаҳои зерин зарур мебошад:

– такмили маҳорати касбӣ тавассути баргузории дарсҳои маҳорат ва машғулиятҳои амалӣ;

– ташаккули низоми “Устод – омӯзгори ҷавон” барои табодули таҷриба ва азхудкунии таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони соҳитаҷриба;

– мусоидат дар ташкили раванди педагогии худомӯзии омӯзгорон;

– тарғиби таҷрибаи педагогии омӯзгорони пешқадам, ташкили мубодилаи таҷрибаи пешқадам дар байни ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе;

– аз ҷониби омӯзгорон таҳияи усулҳои муосири инноватсионӣ-методӣ барои самаранок гардонидани раванди таълим, шаклу усулҳои инноватсионии таълим барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи хонандагон;

– мусоидат дар таҳияи воситаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ, таҳияи тавсияҳо барои омӯзгорон оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти педагогӣ ва раванди таълим;

– пешниҳод намудани машварат ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ вобаста ба ҷорӣ намудани технологияҳои нави педагогӣ, истифодаи техникаву таҷҳизоти рақамӣ ва навовариҳо дар низоми таълиму тарбияи хонандагон;

– мусоидат дар дуруст ба роҳ мондани раванди вобаста намудани омӯзгорони таҷрибадор ба мутахассисони ҷавон дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе;

– мусоидат дар гузаронидани ташхиси педагогӣ, роҳу усули худомӯзиву такмили ихтисоси омӯзгорон ва баландбардории маҳорати касбӣ;

- таҳия ва ба омӯзгорон пешниҳоди намудани нақшаву барномаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимии электронӣ, дарсҳои намунавӣ дар шакли чопӣ ва видеоӣ, дастурҳои таълимиву методӣ ва дигар маводҳои хусусияти таълимиву тарбиявидошта.

9. Ҳуқуқҳои иштирокдорони мактаби таҷрибаи пешқадами педагогӣ:

- такмили маҳорати касбӣ тавассути иштирок дар дарсҳои омӯзгорони собиқадор ва ботаҷриба;

- ҳамкорӣ намудан бо ҳамкорон дар самти аз худ намудани усулҳои муосири таълимӣ ва методикаи таълими фанҳо;

- сайқал додани донишҳои назариявӣ тавассути иштирок дар семинару конференсияи ва суҳбату вохӯриҳо бо олимону мутахассисони соҳаҳои педагогика психология;

- ташкили дарсҳои намунавӣ ва иштирок дар ин навъ дарсҳо бо мақсади таҷрибаизвакунии педагогӣ;

- баланд бардоштани маҳорати истифодабарии техникаву технологияҳои инноватсионии таълимӣ ва шабакаи Интернет дар раванди таълим;

- таҳия дастурҳои методиву таълимӣ барои ёрӣ ба омӯзгорон ва кормандони педагогӣ.

## 3. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ МАКТАБИ МАҲОРАТИ ПЕДАГОГӢ

10. Мактаб аз роҳбар, кормандони педагогии Филиал, омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе ва мутахассисони давъватӣ иборат аст. Ҳайати илмӣ-педагогии Мактаб барои ҳар соли таҳсил бо пешниҳоди роҳбари мактаб аз ҷониби директори Филиал тасдиқ карда мешавад.

11. Роҳбари мактаб бо фармоиши директори Филиал аз ҳисоби олимони соҳа, мутахассисони соҳибтариҷба ва ё омӯзгорони баландихтисос таъин карда мешавад. Роҳбари мактаб узви Шӯрои илмию методии Филиал мебошад.

12. Интихоби омӯзгорон барои Мактаб дар кафедраҳо аз ҳисоби профессорону дотсентҳо ва омӯзгорони пуртаҷрибаву бонуфузи муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе сурат мегирад. Ин корро комиссияи методии Филиал дар мувофиқа бо шуъбаи таълимию методӣ анҷом медиҳад. Номзадҳои тавсияшуда аз ҷониби Шӯрои илмию методии Филиал баррасӣ карда мешаванд.

13. Фаъолияти мактаб дар асосҳои ихтиёрӣ ба роҳ монда мешавад. Роҳбар ва омӯзгороне, ки ба кори мактаб ҷалб карда шудаанд, бо қарори Шӯрои илмӣ-методӣ метавонанд дар асоси сарбории таълимӣ ё вобаста ба иҷрои босифати вазифаҳои дар наздашон гузошташуда ҳавасманд гардонида мешаванд.

14. Дар оғози соли таҳсил роҳбари Мактаб рӯйхати устодонеро, ки барои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорӣ ва иштирок дар чорабиниҳое, ки аз ҷониби мактаб гузаронида мешаванд, тавсия карда мешаванд, тартиб медиҳад.

15. Нақшаи кори Мактаб барои соли таҳсил аз ҷониби роҳбари Мактаб таҳия гардида, дар ҷаласаи якуми Шӯрои илмию методии Филиал (сентябр) муҳокима карда шуда, бо фармоиши директори Филиал тасдиқ карда мешавад.

16. Роҳбари Мактаб тибқи натиҷаи ҷамъбасти соли таҳсил (моҳи июн) ба Шӯрои илмӣ-методии Филиал дар бораи иҷрои нақшаи корӣ ва фаъолияти анҷомёфта ҳисобот медиҳад.

## 4. САМТҲО ВА ШАКЛҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МАКТАБИ МАҲОРАТИ ПЕДАГОГӢ

17. Мактаб дар самтҳои зерин фаъолият мекунад:

- ташаккул ва инкишоф додани таҷрибаи педагогии омӯзгорони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе бо назардошти дастовардҳои илмии муосири педагогикаи ватанӣ ва ҷаҳонӣ;
- роҳнамоии омӯзгорони ҷавони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе тибқи низоми “Устод-омӯзгор”;
- ҷустуҷу ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълимӣ, усулҳои фаъолу интерактивӣ ва инноватсионии педагогӣ ва таҳлили самаранокии истифодаи онҳо дар раванди таълим;
- роҳнамоӣ ва машваратҳои касбии педагогиву психологӣ ба омӯзгорони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе;
- таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ, ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо дар Филиал бо даъвати гузаронидани таҷрибаи омӯзгорони мактабҳои олӣ;
- таҳлили сифати дарсҳои омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ (мувофиқи дархост) ва курсҳои такмили ихтисос дар Филиал ва таҳияи тавсияҳо оид ба такмили онҳо;
- такмили ахлоқ ва маданияти рафтори омӯзгор ва гузаронидани корҳо оид ба риояи маданияти баланди педагогӣ.

18. Вобаста ба самтҳои фаъолият Мактаб барои баланд бардоштани салоҳияти касбию педагогии омӯзгорон тадбирҳо меандешад:

- ташкил кардани дарсҳои кушод ва дарсҳои маҳорати устодони таҷрибадор; ташкили мубодилаи таҷриба дар соҳаи дастовардҳои муосири илм ва амалияи педагогӣ;
- гузаронидани семинарҳои таълимию методӣ, конференсияҳо, мизҳои мудаввар оид ба проблемаҳои таҳсилот ва самаранок гардонидани раванди таълиму тарбия;
- ташкили шаклҳои гуногуни ҳамкории муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзикии кормандони соҳаи маориф бо дигар муассисаҳои таълимӣ;
- таъмини илмию таълимию методии раванди таълим;
- омӯзиши роҳу усулҳои муосири самаранок гардонидани равандаи таълим;
- ташаккули малакаву маҳорати касбӣ дар фаъолияти таълимӣ, методӣ ва тадқиқотӣ дар соҳаи педагогика ва психология;
- таҷрибаомузӣ ва амалӣ намудани дигар шаклҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва худомӯзии омӯзгорон.

19. Шаклҳои асосии кори Мактаб чунинанд: дарсҳои назариявӣ, амалӣ, инфиродӣ, дарсҳои кушод (аз ҷумла дар доираи озмуни машғулиятҳои таълимӣ), ташрифи мутақобила, роҳнамоӣ, дарсҳои онлайнӣ, мубоҳисаҳо, семинару конференсияҳо, корҳои амалӣ ва озмуну чорабиниҳо.

20. Шаклҳои назариявии кори Мактаб: дарсҳои назариявӣ, маърузаҳо, конференсияҳову семинарҳо оид ба масъалаҳои таълимию методӣ, кори гурӯҳҳои эҷодӣ, омӯзиши машвартию маълумотдиҳӣ оид ба методикаи таълиму тарбия, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим, масъалаҳои умумии педагогика ва психологияи касбиву синну солӣ, инчунин талаботи санадаҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф, қонунгузории соҳа ва ғайра, ки дар рафти онҳо омӯзгорон донишҳои нав ва маълумоти зарурӣ мегиранд.

21. Шаклҳои амалии кори Мактаб: мизҳои мудаввар, тренингҳо, дарсҳои маҳорат, омӯзиши проблемавӣ-вазъиятӣ, машғулиятҳои лабораторӣ, гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, сайёҳатҳои таълимӣ ва ғайра, ки дар рафти онҳо намунаҳои беҳтарини истифодаи усул ва технологияҳои нави таълимӣ намоиш дода шуда, таҷрибаи корӣ мубодила карда мешавад.

22. Шакли инфиродии кори Мактаб машваратҳои педагогиву психологӣ ва гузаронидани суҳбату вохӯриҳоро бо олимону мутахассисони соҳа дар назар дорад.

23. Мактаб дар доираи фаъолияти Филиал дар самти ташкил ва баргузор намудани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз рӯи барномаҳои таълимие, ки бо дарназардошти консепсияҳои муосири педагогӣ, навоварӣ ва равишҳои илмию методӣ дар соҳаи таълиму тарбия таҳия гардидаанд, иштирок карда метавонад.

24. Иштирок дар дарсҳои омӯзгорон, табодули таҷриба ва баргузор намудани дарсҳои намунавӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе дар давоми соли таҳсил аз рӯи ҷадвали тасдиқшуда сурат мегирад.

25. Омӯзиш ва иштирок дар чорабиниҳое, ки аз ҷониби Мактаб ташкил карда мешаванд, бидуни халал расонидан ба фаъолияти омӯзгорон ва раванди таълим сурат мегирад.

26. Тавсияҳои Мактаб аз ҷониби Шӯрои илмӣ-методӣ баррасӣ гардида, ҳангоми банақшагирии стратегӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба беҳтар намудани фаъолияти таълимӣ дар Филиал ба инобат гирифта мешаванд.

27. Дар конференсияву семинарҳои илмӣ-методӣ, ки ташкил карда мешаванд, аъзоёни Мактаб оид ба усул ва методикаи таълим, ҷорӣ намудани навоварӣ дар раванди таълиму тарбия, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва рақамӣ дар раванди таълим ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим бо маърӯзаҳо иштирок мекунанд.

28. Аъзоёни Мактаб тибқи дархост ба ҳайати комиссияҳои озмунҳои касбии кормандони соҳаи маориф ва дигар гуруҳҳои кории вобаста ба таълиму тарбия метавонанд шомил бошанд.

## 5. НИЗОМИ “УСТОД – ОМӮЗГОРИ ҶАВОН”

29. Устод нисбат ба омӯзгорони ҷавоне муқаррар карда мешавад, ки бори аввал ба кори илмӣ-педагогӣ қабул шудаанд ва таҷрибаи омӯзгорӣ надоранд.

30. Дар муассисаҳои таълимӣ вобаста намудани устод ба омӯзгорони ҷавон аз ҷониби роҳбари муассисаи таълимӣ муқаррар карда шавад.

31. Устод бо фармоиши роҳбари муассисаи таълимӣ аз ҷумлаи шахсоне таъин карда мешавад, ки дар муассисаи таълимӣ на камтар аз 10 сол собиқаи кории педагогӣ доранд, таҷрибаи ибратбахши касбӣ доранд ва дар коллективи меҳнатӣ обруву нуфузи баланд доранд.

32. Роҳбари муассисаи таълимӣ шумораи омӯзгорони ҷавонеро, ки ба як устод дар як вакт вобаста карда мешавад, муайян мекунад, вале шумораи онҳо набояд аз се нафар зиёд бошанд.

33. Устод бояд:

- омӯзгорони ҷавонеро ки ба ӯ вобаста карда шудаанд бо номгӯи вазифаҳои меҳнатӣ шинос намуда, дар омодашавии касбии онҳо барои баргузории дарсҳо кӯмак расонад;

- ба омӯзгороне, ки ба ӯ вобаста шудаанд, таҷрибаи андӯхтаи маҳорати касбӣ ва таҷрибаи пешқадами педагогиро омӯзонад;

- барои ташаккули маҳорати касбии омӯзгорони ҷавони вобасташуда саҳмгузор бошад;

- омӯзгорони ҷавони вобасташударо барои худомӯзӣ ва аз худ намудани техникаву технологияи муосир ва усулҳои фаъоли таълим ташвиқ намояд;

- дар самти истиифодаи шаклу усулҳои муосири таълим ва дурусту самаранок банақшагирии раванди дарс ба омӯзгорони ҷавон машварат диҳад;

- дар ташаккули малакаву маҳорати кордонӣ, хислатҳои ҳамидаи ахлоқӣ ва маънавии омӯзгорони ҷавон раҳнамоӣ намуда, онҳоро дар руҳияи муносибати софидилона ба касби омӯзгорӣ, эҳтироми ҳамкасбон, шогирдону волидони онҳо тарбия намояд;

- дар рушди касбияти омӯзгорони ҷавон муосидат намуда, дар баргузории чорабиниҳои беруназдарсиву беруназмактабӣ ба онҳо кӯмак расонад;

- бо рафтори худ ба омӯзгорони ҷавони вобасташуда намунаи ибрат бошад;